# ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛИ ҲИСОБОТИИ ДАР САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2016 ХОТИМАЁФТА

Таъкиди зерин бояд бо зикри ӯҳдадориҳои аудиторҳо, ки дар саҳифаи 4–и ҳисоботи аудиторҳои мустақил оварда шудааст, чун ҳудудгузорӣ ё фарқияти байни масъулияти аудиторҳо ва роҳбарият дар бобати ҳисоботи молиявии Фонди қарзии хурди «Имон» (минбаъд дар матн чун ФҚХ зикр мешавад) ҳисобида шавад.

Роҳбарияти ФҚХ барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки эътимоднокии тамоми ҷанбаҳои вазъияти молиявӣ, натиҷаи фаъолият, гардиши маблағ ва тағйирот дар сармояи ФҚХ тайи соли ҳисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2016 хотимаёфтаро мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд чун СБҲМ зикр мегардад) инъикос менамояд, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулияти амалҳои зеринро бар ӯҳда доранд:

- Интихоби усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибавӣ ва истифодаи мунтазами онҳо;
- Риоя кардани талаботи СБҲМ ва шарҳ додани тамоми ҳолатҳои берунравӣ аз меъёрҳои СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;
- Таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти ин эҳтимолият, ки ФҚХ дар оянда фаъолияти худро идома хоҳад дод, ба истисноии мавридҳое, ки чунин эҳтимол ғайриқонунӣ бошад.

Роҳбарият ҳамчунон барои амалҳои зерин масъул аст:

- Тарҳрезӣ, амалисозӣ ва таъмини фаъолияти самарабахш ва боэътимоди низоми назорати дохилии ФҚХ;
- Дастгирӣ ва ҳифзи ҳисобдорӣ, ки имконият медиҳад дар ҳар лаҳза ба таври дақиқ маълумот дар бораи вазъияти молиявии ФҚХ омода шавад ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ бо талаботхои СБҲМ таъмин карда шавад;
- Ба роҳ мондани ҳисобдорӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва стандартҳои ҳисобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дар чорчӯбаи салоҳияти худ андешидани чораҳо барои ҳифзи дороиҳои ФҚХ;
- Ошкор ва ҷилавгирӣ намудани ҳодисаҳои қаллобӣ, иштибоҳ ва дигар сӯиистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли хисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2016 анҷомёфта аз тарафи Раёсати ФҚХ 23-юми феврали соли 2017 тасдиқ гардидааст.

**Аз номи Роҳбарияти ФҚХ:**

| | |
|---|---|
| **Пулотова Азиза** | **Далер Давлатов** |
| **Директори генералӣ** | **Сармуҳосиб** |

Crowe Horwath.

**Crowe Horwath - ACG**
Member Crowe Horwath International

45 MirzoTursunzoda street,
306 office, Business Center
"Poytaht ", Dushanbe, Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowehorwath.net/tj

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРҲОИ МУСТАҚИЛ

# БА МУАССИСОН ВА РОҲБАРИЯТИ ФҚХ «ИМОН»

## Натиҷаи ҳисоботи молиявӣ

Мо аудити ҳисоботи алоҳидаи молиявии пешниҳодшудаи ФҚХ «Имон»-ро, бе истифодабарии таҳкими ҳисоботи молиявӣ бо корхонаи фаръи, ва бе назардошти усули иштироки ҳиссагии ТАҚХ «Имон Интренешнл» ки ҳисобот дар бораи вазъияти молиявӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2016 ва ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромад, ҳисобот оиди гардиши маблағҳои пулӣ ва ҳисобот оиди тағйирот дар сармояи саҳомӣ дар зарфи соли хисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2016 анҷомёфта, инчунин баёноти мухтасари усулҳои асосии сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар эзоҳотро дар бар мегирад, анҷом додем.

## Масъулияти роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ

Масъулият барои таҳия ва эътимоднокии ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда ва мувофиқати он ба Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ ба ӯҳдаи Роҳбарияти ФҚХ «Имон» мебошад. Ин масъулият созмондиҳӣ ва ҳифзи низоми назорати дохилиро барои таҳия, бароҳмони ва эътимоднокии ҳисоботи молиявие, ки аз тафовутҳо ва иштибоҳҳои назаррас фориғанд, дар бар мегирад. Роҳбарияти ФҚХ «Имон» ҳамчунин барои интихоб ва роҳандозии сиёсати муносиби баҳисобгирӣ ва арзёбии асоснокшудаи ҳисобдорӣ масъулият дорад.

## Масъулияти аудитор

Вазифаи мо иборат аз баён кардани фикру мулоҳиза дар бораи эътимоднокӣ ва дурустии ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити анҷомдодаи мо мувофиқи Стандартҳои Байналмилали Аудит мебошад. Стандартхои аудит аз мо талаб менамоянд, ки меъёрҳои ахлоқиро риоя намоем, ҳамчунин барномарезӣ ва аудитро тавре анҷом диҳем, то ин ки боварии кофӣ ба даст ояд, ки дар ҳисоботи молиявӣ таҳриф ва маънидоди иштибоҳи назаррас ҷой надорад.

Аудит аз тартиботу муқаррароти зарурӣ барои дарёфти ҳисботи аудиторӣ дар бобати нишондиҳандаҳои ададӣ ва эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ иборат мебошад. Интихоби тартиботи муносиб ба малакаю мулоҳизаи касбии аудитор асос ёфта, аз он ҷумла арзёбии эҳтимоли таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молиявӣ ба сабаби сӯиистифодаи молиявӣ ва иштибоҳот низ дар назар гирифта мешавад. Арзёбии чунин эҳтимолият ё хавф баррасии низоми назорати дохилӣ ба таҳия ва эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ ба мақсади тарҳрезии тартиботи аудитории истифодашуда дар ин ҳолатро дар назар дорад, аммо он на ба мақсади баён кардани фикру мулоҳизаи худ дар бораи самаранокии низоми назорати дохилӣ анҷом мегирад. Аудит ҳамчунин тадқиқи усули ҳисобдорӣ ва аҳамияти баҳогузории роҳбарият ва арзёбии тасаввуроти умумӣ дар бораи ҳисоботи молиявиро низ дар бар мегирад.

Мо чунин мешуморем, ки аудити анҷомдодаи мо барои баён намудани фикру мулоҳизаҳои мо оиди ҳисооти молиявии мазкур асоси кофиро дорад.



Crowe Horwath International is a leading international organization of separate and independent accounting and consulting firms that may be licensed to use "Crowe Horwath" or "Horwath" in connection with the provision of accounting, auditing, tax, consulting or other professional services to their clients. Crowe Horwath International itself is a non-practicing entity, and does not provide professional services in its own right. Neither Crowe Horwath International nor any member is liable or responsible for the professional services performed by any other member.

Crowe Horwath.

**Crowe Horwath - ACG**
Member Crowe Horwath International

45 MirzoTursunzoda street,
306 office, Business Center
"Poytaht ", Dushanbe, Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowehorwath.net/tj

## Ақидаи аудиторон

Бо ақидаи мо, ҳисоботи алоҳидаи молиявии замимагардида вазъияти воқеӣ ва дурусти молиявии ФҚХ «Имон»-ро ба ҳолати 31-уми декабри соли 2016 инъикос менамояд. Ҳисобот ҳамчунин натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ФҚХ «Имон» ва гардиши маблағ дар давраи зикршударо мутобиқи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ дар бар мегирад.

**Раҳимбек Акрамов**
**Аудитор / Роҳбари Идоракунанда**
**ҶДММ "Кроу Хорват-ЭЙСИҶӢ"**

26-уми феврали соли 2017

Иҷозатномаи давлатӣ барои машғулшавӣ бо фаъолияти аудиторӣ дар соҳаи бонки, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон: силсилаи 0000064 аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон дар санани 28 декабри соли 2016 дода шуда.
Иҷозатномаи давлатӣ барои машғулшавӣ бо фаъолияти аудиторӣ дар бахши умумӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон: силсилаи 000095, аз ҷониби Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 1 ноябри соли 2016 дода шуда.

Шаҳодатномаи тахассусии аудитори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 0000115 дар санаи 4 декабри соли 2013 дода шуда.
Шаҳодатномаи тахассусии аудитори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон № 58 дар санаи 8 ноябри соли 2014 дода шуда.

Audit | Legal | Tax | Advisory www.crowehorwath.net

Crowe Horwath International is a leading international organization of separate and independent accounting and consulting firms that may be licensed to use "Crowe Horwath" or "Horwath" in connection with the provision of accounting, auditing, tax, consulting or other professional services to their clients. Crowe Horwath International itself is a non-practicing entity, and does not provide professional services in its own right. Neither Crowe Horwath International nor any member is liable or responsible for the professional services performed by any other member.

## *ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МАҶМӮИ ДАРОМАД*

***Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2016***

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2016 | 31 декабри соли 2015 |
|---|---|---|---|
| *Даромади фоизӣ* | 4.1 | 3 636 623 | 2 891 472 |
| *Хароҷоти фоизӣ* | 4.1 | - | - |
| ***Даромади фоизии холис то ташкилдиҳии ФПТИ*** | | **3 636 623** | **2 891 472** |
| *Хароҷоти барои ташаккули ФПТИ* | | (1 729 203) | (561 970) |
| ***Даромади фоизии холис*** | | **1 907 420** | **2 329 502** |
| *Даромади холис аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ* | 4.2 | 2 510 130 | 5 399 476 |
| *Дигар даромадҳои амалиётӣ* | 4.3 | 722 040 | 4 326 362 |
| *Хароҷоти амалиётӣ* | 4.4 | (1 292 549) | (1 265 932) |
| ***Фоидаи пеш аз пардохти андоз*** | | **3 847 041** | **10 789 408** |
| *Хароҷоти андоз аз фоида* | 4.5 | (1 076 283) | (2 739 341) |
| ***Фоидаи соф дар давра*** | | **2 770 758** | **8 050 067** |

**Аз номи Роҳбарияти ФҚХ "Имон":**

**Пулотова Азиза**
**Директори генералӣ**

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИЯТИ МОЛИЯВӢ

**Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2016**

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2016 | 31 декабри соли 2015 |
|---|---|---|---|
| ***ДОРОИҲО*** | | | |
| *Нақди хазина* | 5.1 | - | 7 807 |
| *Маблағҳо дар суратҳисоби бонкӣ* | 5.1 | 2 292 569 | 2 304 282 |
| *Ҷойгиркуниҳои мӯҳлатнок дар дигар бонкҳо* | 5.2 | 17 268 110 | 17 194 810 |
| *Қарзҳо ба мизоҷон (холис)* | 5.3 | 10 528 528 | 11 931 971 |
| *Маблағгузориҳои то пардохткунӣ* | 5.4 | 48 384 985 | 48 384 985 |
| *Амвол ва таҷҳизот (холис)* | 5.5 | 308 063 | 186 677 |
| *Дигар дороиҳо* | 5.6 | 3 377 038 | 2 905 087 |
| *Андози мавқуфгузошта* | 4.5 | 1 557 | - |
| ***Ҳамагӣ дороиҳо*** | | **82 160 850** | **82 915 619** |
| ***ӮҲДАДОРӢ*** | | | |
| *Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда* | 5.7 | 1 071 397 | 2 781 021 |
| *Дигар ӯҳдадориҳо* | | 2 934 | 3239 |
| ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо*** | | **1 074 331** | **2 787 260** |
| ***САРМОЯ*** | | | |
| *Фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта* | 5.8 | 31 662 251 | 23 901 807 |
| *Захираи умумӣ* | 5.9 | 46 653 510 | 48 210 072 |
| *Фоидаи тақсимнашудаи соли ҷорӣ* | 5.8 | 2 770 758 | 8 019 480 |
| ***Ҳамагӣ сармоя*** | | **81 086 519** | **80 131 359** |
| ***Ҳамагӣ сармоя ва ӯҳдадориҳо*** | | **82 160 850** | **82 915 619** |

**Аз номи Роҳбарияти ФҚХ "Имон":**

**Пулотова Азиза**
**Директори генералӣ**

**Далер Далатов**
**Сармуҳосиб**

# ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ГАРДИШИ МАБЛАҒҲО

**Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2016**

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2016 | 31 декабри соли 2015 |
|---|---|---|---|
| *Гардиши нақдина аз рӯи фаъолияти амалиётӣ:* | | | |
| *Фоиз ва комиссионҳои гирифта* | | 3 636 623 | 2 775 459 |
| *Фоиз ва комиссионҳои пардохташуда* | | - | (19 191 ) |
| *Амалиётҳо бо асъори хориҷӣ* | | 2 510 130 | 4 794 098 |
| *Дигар даромади гирифташуда* | | 720 040 | 4 007 098 |
| *Хароҷотҳои амалиётӣ* | | (1 245 266) | (890 432) |
| *Андози пардохташуда аз даромад* | | (4 125 789) | (1 552 807) |
| ***Гардиши нақдина аз рӯи фоидаи амалиётӣ то тағйири дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо:*** | | **1 497 738** | **9 114 960** |
| *Тағйироти дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо:* | | | |
| *Афзоиши/камшавии холиси қарз ва пешпардохт ба муштариён* | | (2 756 897) | (3 300 254) |
| *Афзоиши/камшавии холиси маблағҳо дар дигар бонкҳо* | | 2 756 897 | (7 121 515) |
| *Афзоиши/камшавии холиси дигар дороиҳо* | | | |
| *Афзоиши/камшавии холиси дигар ӯҳдадориҳо* | | | |
| ***Гардиши нақдина аз рӯи фоидаи амалиётӣ баъд аз тағйири дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо:*** | | **-** | **(10 421 769)** |
| ***Гардиши холиси нақдина аз рӯи фаъолияти амалиётӣ:*** | | **1 497 738** | **(1 306 809)** |
| ***Гардиши нақдина аз рӯи фаъолияти маблағгузорӣ (инвеститсионӣ):*** | | | |
| *Хариди амвол ва таҷҳизот* | | | |
| *Воридот аз фурӯши воситаҳои асосӣ* | | **(168 670)** | **(125 675)** |
| *Воридот аз фурӯши қисми инвеститсия* | | | |
| *Дивидентҳои гирифташуда* | | - | - |
| ***Нақдинаи холиси истифодашаванда дар фаъолияти инвеститсионӣ:*** | | **(168 670)** | **(125 675)** |
| ***Гардиши нақдина аз рӯи фаъолияти молиявӣ:*** | | | |
| *Воридот аз фуруши саҳмияҳои худ* | | | |
| *Хариди саҳмияҳо* | | - | 3 333 000 |
| *Пардохти дивидендҳо* | | | |
| ***Гардиши холиси нақдина аз рӯи фаъолияти молиявӣ*** | | **-** | **3 333 000** |
| *Афзоиши холиси нақдина ва эквивалентҳои пули нақд* | | (19 520) | 1 900 516 |
| ***Нақди хазина ва эквивалентҳо дар оғози сол*** | 5.1; 5.2; | **2 312 089** | ***411 573*** |
| ***Нақди хазина ва эквивалентҳо дар охир сол*** | 5.1; 5.2; | **2 292 569** | ***2 312 089*** |

**Аз номи Роҳбарияти ФҚХ "Имон":**

| | |
|---|---|
| **Пулотова Азиза** | **Далер Давлатов** |
| **Директори генералӣ** | **Сармуҳосиб** |

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯИ ХУДӢ

**Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2016**

| | *Фоидаи тақсимнашуда* | *Захираи Умумӣ* | *Ҳамагӣ сармоя* |
|---|---|---|---|
| ***Бақия ба 31-уми декабри соли 2013*** | **20 811 694** | **33 080 088** | **53 891 782** |
| *Фоида зарари солҳои гузашта* | 15 315 245 | 33 080 088 | **48 395 333** |
| *Даромади маҷмӯии соли 2014* | 1 799 024 | - | **1 799 024** |
| *Фоидаи соли гузашта* | 6 787 538 | - | **6 787 538** |
| ***Бақия ба 31-уми декабри соли 2014*** | **23 901 807** | **33 080 088** | **56 981 895** |
| *Фоида зарари солҳои гузашта* | 15 315 245 | 48 210 072 | **63 525 317** |
| *Даромади маҷмӯии соли 2015* | 8 019 480 | - | **8 019 480** |
| *Фоидаи соли гузашта* | 8 586 562 | - | **8 586 562** |
| ***Бақия ба 31-уми декабри соли 2015*** | **31 921 287** | **48 210 072** | **80 131 359** |
| *Фоида зарари солҳои гузашта* | 15 315 245 | 46 653 510 | **61 968 755** |
| *Даромади маҷмӯии соли 2016* | 2 770 758 | - | **2 770 758** |
| *Фоидаи соли гузашта* | 16 347 006 | - | **16 347 006** |
| ***Бақия ба 31-уми декабри соли 2016*** | **34 433 009** | **46 653 510** | **81 086 519** |

**Аз номи Роҳбарияти ФҚХ "Имон":**

**Пулотова Азиза**
Директори генералӣ

**Далер Давлатов**
Сармуҳосиб